# Суратҷаласаи №18

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-031 оид ба ҳимояи диссертатсия барои гирифтани дараҷаи илмии номзадӣ илмҳои фарматсевтӣ дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”

аз 14 ноябри соли 2024 ш. Душанбе

оғози ҷаласа: $13^{00}$

анҷоми ҷаласа: $15^{06}$

**Иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ иштирок доштанд 13 нафар, аз ҷумла 2 нафар докторон аз рӯйи ихтисоси рисолаи баррасишаванда

14 ноябри соли 2024, соати $13^{00}$ дар толори Шурои олимони МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” (734003, ш. Душанбе, к. Сино 29-31) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-031 баргузор гардид.

Рӯзнома:

Ҳимояи расмии диссертатсияи Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович дар мавзӯи: “Таъсири гепатопротектории маҷмӯи растаниҳои доругии маводи «Гепатрил» ҳангоми оселби токсикии ҷигар бо $CCl_4$”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ

Шунида шуд: муовини раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фарматсевтӣ Холназар Б.М.

Кори диссертатсионӣ дар доираи мавзӯъ ва нақшаи илмӣ - таҳқиқотии озмоишгоҳи биологияи тиббӣ ва биотехнологияи маводҳои дорувории Маркази инноватсионии биологӣ ва тибби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, МД “Пажущҳишгоҳи Гастроэнтрология”- и

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Озмоишгоҳи марказии илмӣ-таҳқиқотии МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" иҷро карда шудааст".

**Роҳбари илмӣ:** Мироҷов Ғиесиддин Қутбиддинович - академики АМИТ доктори илмҳои тиб, профессор.

**Мушовири илмӣ:** Азонов Ҷаҳон Азонович – доктори илмҳои тиб, профессор, корманди хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, корманди калони илмии Озмоишгоҳи марказии илмӣ-таҳқиқотии МДТ"ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино".

**Муқарризони расмӣ:**

Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич - аъзокорр. АМИТ, доктори илмҳои тиб, профессор, мудири лабораторияи фармакологияи Институти химия ба номи В.И. Никитини АМИТ.

Шарифов Хуршед Шералиевич - номзади илмҳои фарматсевтӣ мудири кафедраи технологияи фарматсевтӣ ва фармакологияи ДМТ

**Муассисаи тақриздиҳанда: -** Донишгоҳи фарматсевтии Тошканд (Ҷумҳурии Узбекистон)

Ахбори котиби илмии Шуро Юлдашева У.П., дар бораи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда унвонҷӯ шунида шуд.

Ғаниев Н.Х. мазмуни рисолаи номзадиашро пешниҳод намуд.

Ба унвонҷӯ 8 савол дода шуд, аз ҷониби: д.и.х. Раҷабов У.Р., н.и.фарм. Навруззода Г.Ф., д.и.фарм. Бобизода Ғ.М., д.и.т. Ишанкулова Б.А., н.и.т. Юлдашева У.П., н.и.т. Урунова М.В. Ба ҳамаи саволҳо унвонҷӯ ҷавобҳои мукаммал гардонид.

Суханронии роҳбари илмии унвонҷӯ академики АМИТ доктори илмҳои тиб, профессор, Мироҷов Ғиесиддин Қутбиддинович шунида шуд.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ хулосаи муассисае, ки рисола дар он ҷо ба анҷом расида шудааст, матни пурраи тақризи муассисаи

тақриздиҳанда ва тақризҳое, ки ба автореферат дода шуда буданд, қироат намуд. Ҳамаи тақризҳо мусбатанд, эродҳо вуҷуд надоранд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ғаниев Н.Х. ба эродҳои муассисаи тақриздиҳанда ва тақризҳо ҷавоб гуфт.

**Муқарризони расмӣ:** Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич аъзокорр. АМИТ, доктори илмҳои тиб, профессор, мудири лабораторияи фармакологияи Институти химия ба номи В.И. Никитини АМИТ ва Шарифов Хуршед Шералиевич номзади илмҳои фарматсевтӣ мудири кафедраи технологияи фарматсевтӣ ва фармакологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикисто баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ низ довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ғаниев Н.Х. ҷавоб гуфт.

Дар муҳокимаи диссертатсия д.и.фарм. Бобизода Ғ.М., н.и.т Урунова М.В., д.и.б. профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Якубова М.М., д.и.фар. Белоусов М.В. н.и.фарм. Навруззода Г.Ф., иштирок карданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзо – д.и.фарм. профессор Бобизода Ғ.М., (раис) н.и.т Урунова М.В., (аъзо) н.и.фарм. Навруззода Г.Ф. (аъзо) интихоб гардиданд.

Аз 15 нафар аъзои шуро, 13 иштирок доштанд ва 2 нафар доктор аз рӯи ихтисоси диссертатсия буданд.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор 10, муқобил 2, бетараф нест, бюллетенҳои беэтибор 1.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ:**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-031 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино аз 14 ноябри 2024.

Бо шунидани маърӯзаи рисолаи Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович дар мавзӯи: “Таъсири гепатопротектории маҷмӯи растаниҳои доругии маводи «Гепатрил» ҳангоми осеби токсикии ҷигар бо $CCl_4$”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ.

Баромади Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович дар мавзӯи: “Таъсири гепатопротектории маҷмӯи растаниҳои доругии маводи «Гепатрил» ҳангоми осеби токсикии ҷигар бо $CCl_4$”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ, роҳбари илмӣ доктори илмҳои тиб, профессор, академики АМИТ Мироҷов Ғ. Қ., тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақризҳо ба автореферати диссертатсия ва баромади муқарризони расмӣ Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич аъзокорр. АМИТ, доктори илмҳои тиб, профессор ва Шарифов Хуршед Шералиевич номзади илмҳои фарматсевтӣ, баромади аъзоёни Шурои диссертатсиони доктори илмҳои фарматсевтӣ профессоро Бобизода Ғ.М., доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессор Белоусов М.В., Навруззода Г.Ф., ва номзади илмҳои тиб Урунова М.В. - ро шунида, муҳокима карда Шурои диссертатсионии 6D.КОА-031 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба даст овардаи Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Кори рисолаи Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович дар мавзӯи: “Таъсири гепатопротектории маҷмӯи растаниҳои доругии маводи

«Гепатрил» ҳангоми осеби токсикии ҷигар бо $CCl_4$”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ кори илмӣ – квалификатсионии ба анҷомрасида буда, ба ҳамаи талаботи боби 3, бандҳои 31, 33 ва 34-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (ба ворид намудани тағиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферат ва интишорот муҳтавои рисоларо ба дараҷаи кофӣ инъникос мекунанд.

3. Ба Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ дода шавад.

4. Ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ намудани қарори мазкур Шурои диссертатсионӣ дархост карда шавад.

Холназар Б.М. – Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ унвонҷӯро табрик гуфта, ба роҳбари илмӣ, муқарризони расмӣ изҳори сипос намуд.

имзои/подпись Холназар Б.М. Юлдашева У.П.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«14» 11 2024 с/г

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фарматсевтӣ** **Холназар Б.М.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ**
**Номзади илмҳои тиб, дотсент** **Юлдашева У.П.**